«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино
д.и.т.,профессор
__________ Гулзода М.Қ.
«___»__________ соли 2019

## ҚОИДАҲОИ ТАРТИБОТИ ЗИСТИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ХОБГОҲИ ДДТТ БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

Истиқоматкунандагони хобгоҳи донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷиест, ки дар асоси тартиботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил намуда, дараҷаи муайяни таҳсилот ва ихтисоси мутаххасиси соҳаи тандурустиро соҳиб мешавад.

### I. ҚОИДАҲОИ НИЗОМИ ЗИСТ ДАР ХОБГОҲ

1.1. Донишҷӯёни ватанӣ ва хориҷии ба манзил эҳтиёҷманд дар асоси пешниҳоди ҳуҷҷати лозима аз ҷониби муовинати тарбияи донишгоҳ дар мувофиқа бо Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён пас аз пардохти ҳаққи хизмати коммуналӣ дар хобгоҳ ба ҷои зист таъмин мегарданд.
1.2. Ҳуқуқи истиқомат дар хобгоҳ ба донишҷӯён ба муддати 1 сол дода мешавад.
1.3. Барои ба хобгоҳ таъмин гардидан бе ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда: ордер, рухсатнома, шиноснома, арзишнома (квитансияи)-и пардохти маблағи ҳаққи зист донишҷӯ ба хобгоҳ роҳ дода намешавад.
1.4. Донишҷӯён пас аз ба анҷом расидани соли хониш ду ҳафта пеш ашёву амвол ва рухсатномаҳои худро ба мудири хобгоҳ супорида, дар оғози соли хониши нав аз нав ба қайдгирӣ ва ба хобгоҳ таъминкунӣ аз ҷониби Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён ба роҳ монда мешавад.
1.5. Барои риояи қоидаҳои зист дар хобгоҳ, техникаи бехатарии зидди сӯхтор, самаранок ва эҳтиёткорона истифода бурдани амволу ҷиҳоз, дар ҳолати хуби санитарӣ нигоҳ доштани роҳравҳо ва ҳуҷраҳои хобгоҳ, иштирок дар корҳои тарбиявӣ-ташкилӣ, ободонӣ ва шанбегиҳо истиқоматкунанда масъул мебошад.
1.6. Истиқоматкунандагони хобгоҳ танҳо бо ҳуҷҷати тасдиқгардидаи Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён (рухсатнома) ба хобгоҳ ворид мегарданд.
1.7. Шахсони бегона ва хешу табори донишҷӯён барои дидорбинӣ бе ҳуҷҷати тасдиқунанда дар хобгоҳ роҳ дода намешаванд.
1.8. Пас аз соати $22^{00}$ дар хобгоҳ бояд оромии мутлақ риоя карда шавад.
1.9. Гузаронидани ҳар гуна чорабиниҳои тарбиявӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ, тарғибӣ, варзишӣ ва ғайраҳо дар хобгоҳ мувофиқи нақшаи кори

тарбиявии хобгоҳ ва Шӯрои донишҷӯён, ки бо муовинати тарбияи донишгоҳ мувофиқа карда шудааст, гузаронида мешаванд.
1.10. Омаду рафти донишҷӯён дар хобгоҳ тибқи реҷаи муқарраргардидаи тасдиқшудаи мавсими сол ба роҳ монда мешавад:

## II. БА ИСТИҚОМАТКУНАНДАГОНИ ХОБГОҲ ҚАТЪИЯН МАНЪ АСТ:

2.1. Амалҳои зерин дар хобгоҳ қатъиян манъ буда, барои содир кардани ин амалҳо муҷозоти интизомӣ эълон карда шуда, дар давоми пурраи таҳсил истиқоматкунанда аз хобгоҳ маҳрум карда мешавад.
-бе иҷозат иваз намудани ҳуҷраи зист ва худсарона аз як ҷой ба дигар ҷой кӯчонидани асбобу таҷҳизоти хобгоҳ;
-худсарона таъмир ва иваз намудани хатҳои интиқолӣ ва таҷҳизоти барқӣ ва инчунин истифодаи тафдонҳо ва асбобҳои гармикунандаи барқӣ ва сӯзишворӣ дар хобгоҳ.
-дар роҳрав ва ҳуҷра овезон намудани ҳар гуна шиору расмҳои манъшуда;
-шӯстан ва хушк намудани либос дар ҷойҳои истифодаи умумӣ;
-ба хобгоҳ ворид, истеъмол ва нигоҳ доштани нӯшокиҳои спиртӣ ва маводҳои мадҳушкунанда ва нигоҳ доштани маводҳои тарканда ва оташангез;
-дар ҳуҷраҳо нигоҳ доштани ҳама гуна намуди ҳайвонот ва паррандагон;
-муносибати дағалона ва беҳурматона нисбати кормандон, ҳамхона, ҳамсоя ва истиқоматкунандагони дигар хобгоҳ;
-баъди соатҳои муқарраргардидаи мавсимии воридшавии бегоҳирӯзӣ ба хобгоҳ;
-шабона ба хобгоҳ ворид намудани шахсони бегона;
-дар ҷойҳои истифодаи умум мағал намудан ва истифодаи таҷҳизоти баландсадо (телевизор, радиоприёмник, магнитафон ва ғ.);
-аз иштирок дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ саркашӣ намудан;
-ташкил намудани ҷангу ҷидол ва иштирок дар онҳо, чи дар дохили донишгоҳ ва чи дар ҷойҳои ҷамъиятӣ;
-иҷро намудани дигар амалҳое, ки дар қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудаанд;
2.2. Ҳангоми соҳиби манзил шудан дар хобгоҳ истиқоматкунанда уҳдадор мебошад, ки одоби шаҳрдорӣ, гаштугузор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ҳамаи талаботҳои дар боло зикршударо сари вақт иҷро намоянд.

## III. ПЕШБИНИИ ЧОРАҲО НИСБАТИ ВАЙРОН НАМУДАНИ ТАРТИБОТИ ДОХИЛИХОБГОҲӢ

3.1.Донишгоҳ барои вайрон кардани қоидаҳои зист дар хобгоҳ ва иҷро накардани вазифа ва уҳдадориҳои тибқи ин қоида оварда шуда, вобаста ба хусусият ва сатҳи қоидавайронкунӣ муҷозоти зеринро таъйин мекунад:

**-сарзаниш;**
**-танбеҳ;**

**-танбеҳи қатъӣ;**

**-аз донишгоҳ ё хобгоҳ хориҷ кардан;**

3.2.Дар сурати расонидани зарари моддӣ ба таҷҳизоту асбобу ашёҳои хобгоҳ истиқоматкунанда, уҳдадор аст, зарари расонидашударо пурра аз ҳисоби худ ҷуброн намояд.

3.3 Донишҷӯёне, ки маблағи ҳаққи зистро сари вақт пардохт накардаанд аз ҳуқуқи истифодаи хобгоҳ маҳрум карда мешаванд.

3.4. Донишҷӯёне, ки дар хобгоҳ сабагори ҷангу ҷидол мешаванд ва байни якдигар низоъ бармеангезанд, аз ҳуқуқи зист дар хобгоҳ маҳрум карда мешаванд.

Тағйироту иловаҳо ба Қоидаи мазкур дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо пешниҳоди муовини ректор оид ба тарбия аз ҷониби ректори донишгоҳ ворид карда мешавад.